# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Фозилов Компрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна (илмҳои таърих).**

Мавзуи диссертатсионии Фозилов Комрон Ҷамолович дар низоми муносибатҳои байналмилалии муосир масъалаи мубрам ба шумор меравад. Дар шароити кунунӣ таъсири хатарҳои иттилоотӣ ба равандҳои сиёсӣ, амниятӣ милию минтақавӣ мушоҳида мегардад. Аз ин рӯ муборизаи мусаллаҳона бар зиддӣ хатарҳои иттилоотӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ саривақтӣ ва мантиқӣ мебошад.

Муаллиф дар автореферат бо назардошти хусусиятҳои ҳамкориҳои амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказро таҳқиқ намуда, дар чорчӯбаи марҳилаи муаяни чоряки аввали асри XXI-ро мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор додааст.

Дар автореферат мазмун ва сохтори диссертатсия бо таври возеҳ нишон дода шудааст. Муаллиф ба таҳлили муфассали мафҳуми «хатарҳои иттилоотӣ», «амнияти иттилоотӣ», «ҷангҳои иттилоотӣ» ва хусусиятҳои онҳо дар фазои сиёсӣ ва амниятии Осиёи Марказӣ пардохтааст. Дар асоси таҳлили сарчашмаҳои илмӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва таҷрибаи ҳамкориҳо, дар чаҳорчубаи созмонҳои минтақавию байналмилалӣ муаллиф хусусиятҳои ташаккули сиёсати иттилоотӣ ва механизмҳои ҳамоҳангсозии амниятиро миёни кишварҳои минтақа тавзеҳ медиҳад. Бо таваҷҷуҳ ба ташаббусҳои назарраси Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар низоми амниятии минтақавӣ, дар кори мазкур робитаҳои байнидавлатӣ, ташаббусҳои муштарак, ҳамкории сохторҳои амниятӣ ва масъалаҳои таъмини суботи иттилоотӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтаанд.

Навгонии кори илмии муаллиф дар он ифода меёбад, ки нахустин бор марҳилаҳои таърихии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар робита ба хатарҳои иттилоотиро дар сатҳи минтақавӣ таҳлил намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот анҷомдодаи Фозилов Комрон Ҷамоловичро метавонанд дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва амниятӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, марказҳои таҳлилӣ ва тадқиқотҳои минбаъда оид ба амнияти иттилоотӣ ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон истифода шаванд.

Муаллиф тавонистааст дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда масъалаҳои муҳими хатарҳои иттилоотӣ дар қаринаи ҳамкориҳои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказиро мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор диҳад. Муаллиф дар автореферати худ ба таври фишурда ба ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар доираи созмонҳои минтақавӣ ба монанди Созмони ҳамкории Шанхай ва Иттиҳоди давлатҳои мустақил зикр намуда, таъкид мекунад, ки дар чоряки аввали асри XXI кишварҳои минтақа ба хатарҳои иттилоотӣ ва муқовимат ба онҳо диққати махсус зоҳир менамоянд.

Муаллиф тавонистааст, ки масъалаи муҳими амнияти иттилоотиро дар доираи ҳамкориҳои минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамаҷониба таҳқиқ намояд. Аз автореферати диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович маълум мегардад, ки дастгоҳи илмии он ба талаботи ин намуди корҳо ҷавобгӯ аст.

Баъзе ғалатҳои техникии матни автореферат арзиши баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкурро коста намегардонанд ва онро метавон ҳамчун кори мустақилона анҷомдодаи илмию таҳқиқотӣ арзёбӣ кард.

Хулоса, диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович таҳти унвони «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» таҳқиқоти илмии ба анҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои дахлдор “Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ”, ки ба қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021. №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна (илмҳои таърих) мебошад.

**Муқарриз,** мудири шуъбаи
тайёр кардани кадрҳои илмии
Муассисаи давлатии «Институти илмию таҳқиқотии
сайёҳӣ ва соҳибкорӣ»-и Муассисаи давлатии
«Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон», номзади
илмҳои таърих
«08» __11_____________ соли 2025 Қудратов Комрон Абдунабиевич

**Суроға:**Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
хиёбони Борбад, 48/5; Тел: (+992) 935-28-28-62;
E-mail: komron.kudratov@gmail.com

Имзои Қудратов К.А.-ро тасдиқ
мекунам: мудири шуъбаи кадрҳо ва
таъминоти ҳуқуқӣ
«__» _________________ соли 2025 Қурбонов Элмурод Турсунмуродович

**Суроға:**Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
хиёбони Борбад, 48/5; Тел:+992 (37) 234-88-02, :+992 (37) 234-8824;935-28-28-62; E-mail: info@iutet.tj Сомона: https//www.iitss.tj.